آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**15 марти соли 2025**
**Шанбе**
**№ 22**
**(15137)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ БО РУСИЯ ҶОНИБДОРӢ ГАРДИД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 14 март Раиси Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия Вячеслав Володинро ба ҳузур пазируфт.**



Масъалаҳои мубрами муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ ва иттифоқии байни Ӯзбекистон ва Русия баррасӣ шуданд.

Дар оғози мулоқот меҳмони олимақом ба сарвари давлатамон салом ва орзуҳои беҳтарини Президенти Федератсияи Русия Владимир Путинро расонд.

Ба тавсеаи ҳамкориҳои байнипарлумонӣ бо мақсади назорати татбиқи тавофуқ ва қарордодҳое, ки дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Русия ба Ӯзбекистон дар моҳи майи соли гузашта ҳосил шуда буданд, диққати махсус дода шуд.

Роҳбари мамлакатамон муҳим будани омодагии ҳамаҷониба ба ҷамъомади дуюми Комиссияи байнипарлумонӣ ва дар Ӯзбекистон, бо ҷалби васеи минтақаҳои ду мамлакат баргузор намудани онро дастгирӣ намуд.

Зарурати иштироки фаъолонаи парлумонҳо дар дастгирӣ ва суръат бахшидан ба лоиҳаҳои афзалиятноки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, барномаҳои муштарак оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва табодули фарҳангию гуманитарӣ таъкид гардид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ МЕАФЗОЯНД

***Имрӯзҳо на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар деҳот низ сохтмони иншоот дар авҷ мебошад. Мардуми деҳаҳои дурдаст низ барои беҳтар намудани ҷойи зисти худ аз пайи сохтмони манзили зебову шинам мебошанд. Аз ин рӯ, талаб ба масолеҳи сохтмон афзуда, миқдори корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти сохтмон аз 10 ҳазор зиёд шудааст. Албатта, ин натиҷаи аз ҷониби давлат дастгирӣ намудани соҳибкорон, фароҳам овардани шароити мусоид мебошад.***

Анҷумани матбуотие, ки иттиҳодияи «Ўзсаноатқурилишматериаллари» оиди сарҳисоби корҳои соли 2024 ва вазифаҳои устувори соли 2025 дар маҷлисгоҳи иттиҳодия баргузор намуд, долузарбии истеҳсоли масолеҳи сохтмонро собит намуд. Дар ҷамъомад роҳбарон ва мутахассисони соҳа иштирок карданд.

Аз баромади роҳбари раёсати иқтисодиву таҳлилии иттиҳодия Ўткир Турдиев маълум гардид, ки иттиҳодия соли гузашта ба маблағи 42 трлн. сўм маҳсулоти сохтмон истеҳсол намуда, нақшаи солонаро бо нишондоди 116 фоиз иҷро кардааст. Яъне 44 млн. метри мукааб оина, 90 млн. метри мукааб гипсокартон, 17,8 млн. тонна семент, 52 млн. метри мукааб кошини сафолӣ, 6 ҳазор тонна гулкоғаз, 365 ҳазор тонна омехтаҳои хушки масолеҳи сохтмон истеҳсол шудааст.

– Соли сипаришуда дар соҳа 2,2 млрд. долларина инвеститсия аз худ шуд, ки 1,4 млрд. доллари он аз ҳисоби инвеститсия ва воми хориҷӣ мебошад, – таъкид намуд роҳбари шуъбаи ҷалби инвеститсияи иттиҳодия Баҳром Аллаберганов. – Ба маблағи 831 млн. долларина маҳсулот содир шуда, 26,2 фоизи онро маҳсулоти металл, 8,7 фоиз сафол, 15,1 фоиз профил, труба ва пластмасса, 6,6 фоизро омехтаи хушки масолеҳи сохтмон ташкил медиҳад.

Маҳсулоти содиршуда асосан ба кишварҳои Русия (24,5 фоиз), Қазоқистон (22,6 фоиз), Тоҷикистон (13,9), Қирғизистон (12,4), Туркманистон (2,5), Литва (1,6) ва ба Чин (0,9) рост меояд. Иттиҳодия барои боз ҳам рушд додани содирот, кашф намудани бозорҳои нав дар давлатҳои хориҷ «хонаи тиҷорат» ва анборҳо сохмон медиҳад. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон, Озарбойҷон ва Афғонистон фаъолияти «Ўзбекистон савдо уйи» ба роҳ монда шудаанд. Минбаъд дар Латвия, Қазоқистон, Русия, ИМА ташкил кардани анбору «хонаҳои тиҷоратӣ»-ро ба нақша гирифтаанд.

Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонро ба 50 трлн. сўм расонида, содир намудани 1,2 млрд. долларина маҳсулот дар назар аст. Дар доираи маҳаллигардонии маҳсулот 4,4 трлн. сўмина масолеҳи сохтмон истеҳсол мешавад.

Давоми соли 2025 ба амал баровардани 2,4 млрд. долларина лоиҳаи инвеститсия ва ба 14211 нафар фароҳам овардани ҷойи кор пешбинӣ шудааст.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Корхонаи хусусии «Осмони дур» воқеъ дар ноҳияи Тирмиз, ки ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмониву пардоздиҳӣ махсусонида шудааст, соли 2019 ба фаъолият сар карда, дар ин байн бо маҳсулоти хушсифат ва нисбатан арзон дар бозор мавқеи мустаҳкам пайдо кард.*

*Дар корхона 40 навъи маҳсулоти сохтмониву пардоздиҳӣ омода карда мешавад. Иқтидори истеҳсолӣ дар як сол аз 80 ҳазор тонна иборат. Наздики 100 нафар ба кор таъмин шудаанд. Маҳсулот ба ҷуз бозори маҳаллӣ, содирот низ мешавад.*

*Бо мақсади васеъсозии корхона самтҳои иловагӣ ташкил карда мешаванд. Дар ин ҷо ҷорӣ намудани технологияи иқтисодиёти сабз ба нақша даромадааст.*

***Дар сурат:** дар корхонаи хусусии сохтмониву пардоздиҳии «Осмони дур»-и ноҳияи Тирмиз.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ ТАҶЛИЛИ ВАСЕИ 1155-СОЛАГИИ ЗОДРӮЗИ ИМОМ МОТУРУДӢ

Бо мақсади рағбатноксозии ҳамаҷониба ва амиқ омӯхтани роҳи ибратбахш ва мероси ғании илмиву маънавии ҳамватани бузурги мо, алломаи нотакрор, ки дар рушди илмҳои исломӣ саҳми бузург гузоштааст, султони илми калом Имом Абӯмансури Мотурудӣ (минбаъд Имом Мотурудӣ), тарғиби васеи тамоюлҳои кушодадилӣ ва баробарӣ, ки хосаи таълимоти мотурудӣ аст, дар байни мардум ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои милливу умумибашарӣ **қарор мекунам:**

**1.** Пешниҳоди Кумитаи оид ба корҳои дин, Идораи мусулмонони Ӯзбекистон, ҳокимияти вилояти Самарқанд, Академияи байналмилалии исломи Ӯзбекистон ва Маркази байналмилалии илмӣ-тадқиқотии Имом Мотурудӣ дар бораи васеъ таҷлил намудани 1155-солагии Имом Мотурудӣ дар соли 2025 маъқул дониста шавад.

**2.** Ҳайати **Кумитаи ташкилӣ** аз рӯйи омодагӣ ва баргузории чорабиниҳо бахшида ба 1155-солагии Имом Мотурудӣ (минбаъд – Кумитаи ташкилӣ) тибқи замима тасдиқ карда шавад.

**3.** Кумитаи ташкилӣ (А. Арипов) дар мӯҳлати ду ҳафта барномаи чорабиниҳоро аз рӯйи таҷлили 1155-солагии Имом Мотурудӣ дар сатҳи олӣ ва ба тарзи муносиб, бо назардошти нуфуз ва мақоми аллома дар олами ислом тасдиқ намоянд, ки инҳоро дарбар мегирад:

а) дар моҳи апрели соли 2025 дар шаҳри Самарқанд гузаронидани анҷумани байналмилалии илмиву амалӣ дар мавзӯи **«Мотурудия – таълимоти фароҳдилӣ, мӯътадилӣ ва маърифат»**;

б) гузаронидани **озмуни илмии** муҳаққиқони хориҷӣ аз рӯйи таълимоти мотурудӣ ва ташкили **вохӯриҳои фарҳангӣ-маърифатӣ** ва семинар-тренингҳо дар Ӯзбекистон бо иштироки ғолибон;

в) нашри тарҷумаҳои академии илмиву эзоҳии асарҳои **«Таъвилот-ал-Қуръон»** ва **«Китоб ат-тавҳид»**-и Имом Мотурудӣ ва манбаъҳо оид ба таълимоти мотурудӣ ба ӯзбекӣ ва забонҳои хориҷӣ;

г) ба муомила баровардани туҳфаҳои хотиравӣ бахшида ба 1155-солагии зодрӯзи Имом Мотурудӣ, инчунин, офаридани маркаҳои почта, тақвим ва намудҳои дигари воситаҳои иттилоотии намоишӣ, ки ҳаёт ва мероси илмии мутафаккири бузургро ифода мекунанд;

д) офаридани **филми бадеию публитсистӣ**, ки аҳамияти имрӯзаи роҳи зиндагӣ ва осори илмии бисёрҷабҳаи Имом Мотурудиро ифшо мекунад;

е) дар вилояти Самарқанд ташкили намоишгоҳи **дастнависҳои нодир ва нусхаҳои чопии осору китобҳо** роҷеъ ба ҳаёт, мероси илмиву эҷодии Имом Мотурудӣ ва уламое, ки дар самти таълимоти мотурудӣ фаъолият намудаанд;

ж) аз нав таъмир ва obод кардани маҷмӯаи Абӯмансури Мотурудӣ дар шаҳри Самарқанд.

**4.** Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсия:

а) якҷоя бо Кумитаи оид ба корҳои дин дар моҳҳои май ва октябри соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов аз ҳисоби маблағҳои Фонди рушди муассисаҳои таълими олӣ дар мавзӯи **«Таълимоти мотурудӣ ва замони имрӯза»** конфронси ҷумҳурии илмиву амалӣ ва озмуни мақолаҳои илмиро гузаронад;

б) супориши давлатиро ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои Хазинаи маблағгузории илму фан ва дастгирии инноватсия оид ба омӯзиши мероси илмӣ ва асарҳои нодири дастнависи алломаҳои мансуб ба таълимоти мотурудӣ амалӣ гардидаанд, тибқи тартиби муқарраршуда ташаккул диҳад.

**5.** Ба Идораи мусулмонони Ӯзбекистон тавсия карда шавад, ки дар байни имом-хатибон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълими динӣ озмуни **«Заковатманди таълимоти мотурудӣ»**-ро баргузор намуда, ғолибонро муносиб сарфароз намоянд.

**6.** Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Кумитаи оид ба корҳои дин, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Агентии кор бо ҷавонон, Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон дар давоми соли 2025 дар ҷойҳо бахшида ба мероси илмии Мотурудӣ суҳбатҳои мизи мудаввар ташкил намоянд.

**7.** Маркази байналмилалии илмӣ-тадқиқотии Имом Мотурудӣ якҷоя бо Агентии мероси фарҳангӣ:

а) асарҳои дастнависи нодир ва дигар сарватҳои фарҳангиро оид ба ҳаёт ва мероси илмии Имом Мотурудӣ ва алломаҳои мансуб ба таълимоти мотурудиро, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ ҳифз мешаванд, муайян карда, ба Ӯзбекистон овардани нусхаҳо ва ба таври сохторӣ тадқиқ кардани онҳоро ташкил кунанд;

б) ҷиҳати эҷоди маҳсулоти босифати медиавӣ ва асарҳои аудиовизуалӣ бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти илмии Имом Мотурудӣ, эълон кардани онҳо дар васоити ахбори умумии маҳаллӣ ва хориҷӣ, таблиғи васеъ дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ чораҳо андешад.

**8.** Ба Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии иттилоотии «Дунё» Ассотсиатсияи миллии медиаи Ӯзбекистон тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои марбут ба таҷлили 1155-солагии зодрӯзи Имом Мотурудиро васеъ инъикос намоянд.

**9.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Р.Қ. Давлетов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Шавкат МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*14 марти соли 2025.*

*Ҷавонони мо*

# ОРЗУИ ДУРАХШОНИ ЗАНҶИРОЙ

***«Агар мо ба духтаре савод омӯзонем, тамоми оила босавод мешавад», – гуфт роҳбари давлат***



Солҳои охир дар Ӯзбекистони Нав таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиат, боло бардоштани шаъну шарафи зан яке аз самтҳои бартариноки сиёсати давлат ба шумор меравад.

Роҳбари давлат дар маросими бошукӯҳ бахшида ба Рӯзи байналхалқии занон чунин суханони самимиро иброз намуд: «Занони донишманд, босавод ва соҳибистеъдоди мо бароямон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа намунаи ибратанд. Онҳо дар соҳаҳои фарҳанг ва санъат низ Ватанро шуҳратёр мекунанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соли гузашта дар сафи ғолибони озмунҳои бонуфузи байналхалқии соҳаҳои мазкур 25 нафар духтари соҳибистеъдод, дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ бошад, 71 нафари онҳо шомил буданд. Барои он ки духтарону бонувони боистеъдод имкониятҳои худро беш аз пеш татбиқ намоянд, мо минбаъд низ ҳатман барои онҳо тамоми шароитро фароҳам меоварем. Дини муқаддаси мо даъват менамояд, ки модарон, хоҳарону духтарони меҳрубонамонро эҳтиром намоем, ба онҳо ғамхориву эътибори баланд зоҳир кунем. Агар мо ба духтаре савод омӯзонем, тамоми оила босавод мешавад. Агар оила бомаърифат ва босавод бошад, дараҷаи тафаккур ва маданият дар тамоми ҷомеа баланд мешавад. Дар кишваре, ки занон соҳиби маърифат ва касбҳои замонавӣ мебошанд, сулҳу салоҳ ҳукмрон мегардад. Халқе, ки бонувонаш босаводанд, ҳатман хушбахт хоҳанд шуд».

Яке аз оилаҳои соҳибмаърифат ва ибратпазир дар маҳаллаи Синтаби ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё Фарҳод Одинаев мебошад. Фарҳод ходими барқ, Дилафрӯз ҳамшираи шафқат. Онҳо фарзандони худро дар муҳити солим, меҳнаткаш, китобхону маънавияташ баланд тарбия намуда, ба воя расонданд. Фарзанди калонии онҳо Занҷирой аз хурдӣ ба китобхонӣ, шеъру таронахонӣ шавқи беандоза дошт.

– Фарзанди калонӣ меҳрубон, боғайрат, боақлу тамиз бошад, додару хоҳаронаш низ аз пайи ӯ меравconfigurations. Занҷирой мактабро бо баҳои аъло хонд. Барои кумак ба падару модар дар қатори ҳамсолони худ ба кори саҳро мебаромад. Шеъру суруд ё дигар қоидаҳои вазифаи хонагиро дар варақчае кӯчонда ба саҳро мерафт. Ҳам кори саҳро ва ҳам супориши муаллимонашро иҷро мекард. Бештар бо момою бобояш мезист, тарбияи онҳоро гирифт. Бобояш Абдусалом Одинаев гарчанд пешаи агрономиро дошт, ба адабиёт, шеъру ғазал ва китоб шавқи баланд дошт. Аз онҳо хеле миннатдорам, ки дар тарбияи фарзандонам ҳиссаи худро гузоштанд, – мегӯяд модараш Дилафрӯз Одинаева.

– Зодгоҳи бобоиям деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато мебошад. Рӯзгоре барои обод кардани заминҳои Мирзочӯл кӯч бастаанд. Аз машаққатҳои зиндагӣ, меҳнати вазнини он рӯзгор ҳикоя карда мегӯянд, ки ба қадри ҳаёти осуда ва фаровони имрӯз бояд расид. Бобоям китобхона доранд. Ҳамин китобҳо буданд, ки маро ба роҳи дониш, илм ва фарҳанг ҳидоят намуданд. Ҷевони китобҳои бобоямро аз чангу гард тоза мекардам ва онҳоро варақ зада, худро дар олами дигар ҳис мекардам. Соатҳо дар он ҷо мемондам. Садои момоям, ки «Занҷирой, куҷоӣ, ҷорӯбро гирифта, ҳавлӣ рӯб, сатилҳоро об пур кун, ба мол алаф андоз…» мегуфт, маро ба худ меовард, – мегӯяд Занҷирой дар идомаи суҳбат.

Занҷирой Абдусаломова 31 октябри соли 2003 дида ба дунё кушодааст. Чи тавре ки дар боло гуфта гузаштем, тарбияи аввалиро ҳам аз падару модар ва ҳам аз бобою бибӣ гирифтааст. Онҳо ба мактабу дарстайёркунии фарзандон эътибори ҷиддӣ медоданд. Занҷирой баъди хатми мактаби миёнаи рақами 10-уми ноҳияи Сайҳунобод ба факултети журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон дар асоси гранти давлатӣ дохил шуд. Дар донишгоҳ низ бо хулқи намунавӣ, дониши баланд, фаъолнокию эҷодкорӣ ангуштнамо буд. Мақолаҳои ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ пайи ҳам чоп мешуданд.

Дар озмуни «Зомин – 2024» иштирок намуда, соҳиби стипендияи ба номи Александр Файнберг гардид.

Занҷирой дар арафаи иди бонувон 8-Март бино ба фармони роҳбари давлат бо Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия мукофотонида шуд.

– Вақте аз дасти Президент мукофотро мегирифтам, худро дар қатори хушбахттарин духтари тоҷики ӯзбекистонӣ ҳис кардам. Роҳбари давлат бо самимият дастамро фишурда гуфт: «Духтарам, Занҷирой, ту барин журналистон ба мо зарур. Зеро тарғибгари ислоҳоти Ватан шумо – журналистон мебошед». Суханҳои падаронаи роҳбари давлат, албатта, ба мо – ҷавонон неру, боварӣ ва масъулият мебахшад, – мегӯяд Занҷирой.

Соли 2022 бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ китоби қаҳрамони мо бо номи «Ойдин орзулар» рӯйи чопро дид.

– Албатта, барои дастрас намудани чунин муваффақияти бузург аввало ҳиссаи падару модарам, бобою бибиам, омӯзгорони солҳои мактабӣ – А. Набиев, Г. Ҳакимова, Ш. Шеров, Н. Узоқова, Ш. Зуҳурова ва омӯзгорони солҳои донишҷӯиям ниҳоят калон аст. Аз ҳамаи онҳо миннатдорам. Гуфтан ба маврид аст, ки маҳорати сухангӯӣ, хонданӣ шеъру тарона ва дигар хабарҳои кӯтоҳро дар назди микрофон аз журналист, барандаи барномаҳои тоҷикии вилояти Сирдарё Рисолатбону Гулова (охираташон обод бод!) омӯхтам, – мегӯяд Занҷирой.

Шоир фармудааст:

*Саъй нокарда дар ин роҳ*
*ба ҷое нарасӣ,*
*Музд агар металабӣ,*
*тоати устод бибар.*

Занҷирой Абдусаломоваро бо ин мукофот аз номи муштариёни «Овози тоҷик» низ табрик мегӯем.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# САНОАТИ КӮҲӢ ВА ГЕОЛОГИЯ: ИМКОНИЯТҲО ТО ЧӢ АНДОЗА ИСТИФОДА МЕШАВАНД?

***Солҳои охир дар кишвари мо дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи саноати кӯҳӣ ва геология, рушди устувори базаи ашёи хоми маъдани ҷумҳурӣ, ҷалби сармоя, кашфи конҳои нави маъданҳои фоиданок ислоҳоти пайваста амалӣ мегардад.***

Дар доираи ислоҳоти маъмурӣ Вазорати саноати кӯҳӣ ва геология таъсис ёфта, афзалиятҳои он муайян гардиданд. Инчунин, барномаи рушди базаи ашёи хоми минералӣ дар солҳои 2023-2025 тасдиқ карда шуд.

Ислоҳоте, ки дар бахшҳои истихроҷи маъдан ва геология амалӣ мешавад, дар рушди иқтисодии кишвар саҳми арзанда гузошта, дар ҷорӣ намудани иқтидори нави истеҳсолӣ, инноватсия, таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва ҳамзамон таъсиси ҷойҳои нави кор нақши муҳим доранд.

Дар нишасти матбуотӣ аз ҷониби мутахассисон доир ба муҳимтарин дастовардҳои соҳа ва истифода аз имкониятҳо маълумот дода шуд.

Соли 2024 ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекгеология қидирув» корҳои иктишофии геологӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯ, арзёбӣ ва таҳлили лабораторӣи конҳои канданиҳои фоиданок, харитаи топографӣ, геологӣ ва харитакаширо анҷом дод. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ корҳои кофтукови геологӣ ва лабораторӣ оид ба тилло, нуқра, мис, сурб, волфрам, металл ва элементҳои нодири замин, инчунин канданиҳои фоиданок дар асоси 142 лоиҳа, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ, қарордодҳо ва маблағҳои комбинатҳои маъдани кӯҳии Навоӣ ва Олмалиқ маблағгузорӣ карда мешаванд, амалӣ карда шуданд. Дар охири сол аз рӯйи 20 объект корҳои ҷустуҷӯи геологӣ анҷом ёфта, ҳисоботи геологӣ ва захираҳои пешбинишуда ба балансӣ давлат қабул карда шуданд.

Дар соли 2024 нишондиҳандаҳои захира ва захираҳои пешбинишавандаи канданиҳои фоиданок 100 фоиз иҷро гардиданд. Барои васеъ кардани базаи ашёи хоми маъданӣ дар асоси ба вуҷуд овардани харитаҳои геологии миёна ва калон як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, дар чуқурии 1200 -1800 метр бо таҷҳизоти ҳозиразамон корҳои пармакунӣ гузаронда шуд, ки дар ҷустуҷӯ намудани маъдан, васеъ кардани сарватҳои зеризаминӣ ва базаи ашёи хоми минералӣ аҳамияти калон дорад.

Бо мақсади ба зинаи нав баровардани корҳои ҷустуҷӯи геологӣ ва ҷалб намудани техникаю технологияи муосири ҷаҳонӣ, истифодаи техникаи аэрогеофизикӣ ва дрон ҷорӣ карда шудааст. Дар натиҷа арзиши аслии кор арзон, вақт сарфа ва самараи кор якчанд маротиба баланд гардид.

Намунаҳое, ки дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯи геологӣ гирифта шудаанд, дар сехҳои суфтакунии ҷамъияти саҳҳомӣ коркард шуда, барои таҳлил ба лабораторияҳо фиристода мешаванд. Дар лабораторияҳо бо таҷҳизоти ҳозиразамон таҳлилҳо гузаронида, хулосаҳо мебароранд.

Аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомӣ бо мақсади сарфаи неруи барқ ва пешбурди истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия неругоҳҳои фотоэлектрикии офтобӣ бо иқтидори 529 кВт насб ва ба истифода дода шуд. Дар натиҷа 886 ҳазор киловатт қувваи электр сарфа гардид.

Дар соли 2025 дар асоси татбиқи Барномаи давлатии «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти сабз» боз ҳам вусъат додани корҳои иктишофии геологӣ ва ташкили корҳои соҳа дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, васеъ намудани намудҳои хидматрасонӣ оид ба корҳои пармакунӣ ва технология, рушди корҳои геофизикӣ, моделсозӣ, навсозӣ ва татбиқи иқтидори геофизикӣ, инчунин дар равандҳои истеҳсолот ҷорӣ намудани таҷриба ва усулҳои пешқадам низ ба нақша гирифта шудааст.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Истиқоматкунандаи маҳаллаи «Боғбон»-и шаҳри Қувасойи вилояти Фарғона Рӯзибой Мамаҷонов аз қитъаи наздиҳавлии худ самаранок истифода мебарад. Вай ҳаммаҳаллагонашро низ аз паси худ мебарад.*

*– Соли 2024 дар 3 сотих гармхона сохтам, – мегӯяд Рӯзибой. – Барои ин наздик 100 миллион сӯм харҷ кардам. Алҳол дар гармхона наздик ба 50 ҳазор бех тути заминӣ парвариш менамоям. Моҳҳои апрелу май ҳосилро ба бозор мебарорем. Аз ҳосили аввал, назар ба ҳисобу китобҳо, хароҷоти гармхонаро пӯшондан мумкин. Имсол боз як гармхонаи дигар барпо карданиам. Мақсади ман дар соҳаи парвариши тути заминӣ дар маҳаллаамон корпоратсия ташкил ва ҷавононро ба кор таъмин кардан. Дар ин самт бо фаъолони ҷамъомади шаҳрвандони маҳалла ҳамкорӣ менамоям.*

***Дар сурат:*** *дар гармхонаи Рӯзибой Мамаҷонов.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***



*Соҳибкорӣ*

# МАРДИ НЕКНОМ

Навиштан ва ё сухане гуфтан дар бораи инсони нек баробарест, ба кори хайр, ки шумо дар он ширкат кардаед. Сухани мо дар бораи Абдувоҳид Ҷӯраев мебошад, ки бо хислат ва ташаббускориҳои худ имрӯзҳо вирди забони мардуми деҳаи Тоҷикободи ноҳияи Узун гардидааст. Ин қаҳрамони мо аз зумраи ҷавонмардонест, ки шиори мардумии «Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст» гӯё ба ӯ тааллуқ дорад.

Пеш аз он, ки дар бораи кору бор ва фаъолияти зиндагонии ӯ чанд сухан баён кунам, ман ӯро ҳамчун марди саховатманд ва дӯстдори забони модарӣ рӯи коғаз меорам. Боре ба масъалаи обуна ба маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» муроҷиат намуда, шоҳиди ин гуфтаи худ гаштам.

Абдувоҳид ҳамчун тадбиркор имрӯзҳо бо касбу кори зиёде машғул мебошад.

Тадбиркорӣ пешаи ӯ буда, имрӯз бештари мардум бо ин касбу кор фаъолият пеш мебаранд, аммо хислати ӯ дигар аст. Кори солҳои охир басомонрасонидаи Абдувоҳид шоёни таҳсин мебошад. Ӯ ду гектар замине, ки об ба он бамашаққат меояд, гирифта бо саъю кӯшиш, аз ҳисоби худаш оби артезианӣ бароварда, бо деҳқонӣ машғул мебошад. Он замине, ки аз беобӣ соле танҳо як бор ҳосил гирифта мешуд, ҳоло бо ташаббускории ӯ ҳамешасабз буда, тамоми сол то се маротиба ба гирифтани ҳосил мушарраф гашт. Шукри зиндагӣ намуда, дар соҳаи дигар ҳам бахти худро санҷида, ба наздикӣ қаҳвахонае кушода, ба хидмати мардум омода намуд. «Зар нагиру дуо гир»– гуфтаи мардумро амал намуда, дар маросими кушодашавии қаҳвахона зиёда аз сад нафар мӯйсафедони ноҳияро даъват карда, бо дуои хайр ба кор оғоз намуд. Имрӯзҳо чандин нафарро бо кор таъмин намуда, ба хурсандии онҳо шарик гардида, худро хушбахт меҳисобад. Қаҳрамони мо хушбахтиро дар шукргузорӣ медонад. Дар рафти сухан таъкид менамояд, ки ба шукргузор Худо медиҳад. Ин гуфтаи ӯ далели онанд, ки ӯ дар вақтҳои холӣ ба мутолиаи китобу рӯзнома машғул мегардад. Ман дӯстдори китоб будани ӯро аз рафтору гуфтори ӯ донистам. Пинҳон нест, ки имрӯзҳо зафар кардан дар лоиҳаи ташаббуси «Опен бюджет» ҳомигиро талаб мекунад. Ӯ дар ин ҷода ду маротиба ҳиммат ва хидмати худро дареғ надошт. Дафъаи аввал мактаби деҳа ба лоиҳаи ташаббус иштирок намуд ва ӯ он кореро, ки барои зафар кардан ва ба мақсад расидан буд, дасти ёрӣ дароз намуд.

Кори хайри дигаре, ки саҳмгузорӣ намуда буд, ин гузоштани трансформатори нави дигар дар деҳа буд. Бо ташаббуси ӯ наздикии ду километр сими барқи қувваташ баланд кашида шуд. То гузоштани ин трансформатор муаммои барқ ва таъсири рӯшноии он муаммо дошт. Ин муаммои мардум низ роҳи ҳалли худро ёфт.

Дар ташаббуси опен бюджети соли гузашта деҳаи Тоҷикобод ба масофаи 3 км мумфарш намудани як қатор кӯчаҳо иштирок намуд. Ҳамчун фаъоли деҳа яке аз касоне буд, ки аз аввал то охир барои буридани ин лоиҳа хидмат намуд. Албатта, ҳар кореро сарваре мебояд, сарварии ӯ, ки дар баробари раиси маҳалла ва як қатор мардони асили деҳа, ҷавонмардони баору номуси деҳа, ки шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта барои зафар намудан дар ташаббуси «опен бюджет» хидмат намуданд, маълум шуд. Дар қатори ӯ даҳҳо нафар аз қабили Шоҳусайну Убайдулло, Насриддину Тоҷиддин, Бӯстону Достон, Меҳроҷу Комрон, Маҳмудбеку Шоҳрӯз, Субҳиддин ва даҳҳо нафарони дигар аз аввал то охири он саҳми арзанда гузоштанд. Хидмати онҳо буд, ки имрӯз мардуми деҳа дар роҳи мумфарш шоду хандон мегарданд. Хурдтаракон бо роҳи хушку ҳамвор ба мактаб меоянд. Ҳар нафаре, ки қадам ба ин роҳ мегузорад, дар дил дуои неке ба ёд меорад. Ин дуои нек ба нафароне, ки дар ин кор саҳм гузоштаанд, албатта мерасад. Аз савоби дуои мардум баҳра мебардоранд.

Агар дар бораи корҳои хайри Абдувоҳид сухан ронем, аз ӯ чунин ҷавоб мегирем, ки гӯё ин гуфтаҳои шоир ба ӯ тааллуқ дошта бошад:

*Одаму одамгарӣ хоҳӣ ба кас*
*туҳмат макун,*
*Дар ҳаёту зиндагӣ бар ҳеҷ кас*
*миннат макун.*

Мо ҳам ин гуфтаҳоро барҳақ шуморида, ба ӯ гуфтанием, ки ҳамеша дар хидмати мардум камарбаста шуда, монда набошад.

**Шавкат ОСТОНАЕВ,**
**сокини деҳаи Тоҷикободи**
**ноҳияи Узун.**

# БОЗДИД АЗ ХОНА-МУЗЕЙ

***Дар Самарқанд бисёр намояндагони илму маърифат ва донишмандони номӣ ба камол расидаанд, ки яке аз чунин шахсиятҳои маъруф шоири зуллисонайни маърифатпарвари охири асри XIX ибтидои асри XX Ориф Гулхании Самарқандӣ мебошад. Боиси хурсандист, ки хонаи зисти шоир аз ҷониби авлодонаш нигоҳ дошта, ба Хона-музей табдил дода шудааст.***

Мо – донишҷӯёни курси 2-юми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дирӯз бо роҳбарии Дилрабо Назарова ба ин даргоҳ ташриф овардем. Моро набераи Ориф Гулханӣ, шахси соҳибмаърифат Муқимҷон Орифӣ пешвоз гирифт. Бо сабаби зебову назаррабо будани саҳни хона-музей он бо номи «Боғи Гулханӣ» ҳам машҳур буда, дар ин ҷо чун дар замони шоир имрӯзҳо низ ҳар гуна маҳфилҳои шеърхонӣ гузаронида мешавад.

Дар музей зиёда аз 2500 нигора мавҷуд, қисмати асосии музейро китобҳо ва дастнависҳои шоир ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо ба 5000 адад наздик китобҳо мавҷуданд, маъмурияти хона-музей нақшаи аз ин китобҳо ташкил намудани китобхонаро ҳам дорад. Инчунин дар инҷо либос ва асбоби рӯзгори замони шоирро то ба ҳол ба шакли аслӣ нигоҳ доштаанд, ки диққати ҳар як бинандаро ба худ ҷалб мекунад.

Мо донишҷӯён аз ин ташриф хушҳол гашта, маълумотҳои зиёдро дастрас намудем. Барои ин ба муассиси хона-музей миннатдорӣ изҳор менамоем.

**Х. ҲАБИБУЛЛОЕВА,**
**донишҷӯйи гурӯҳи**
**журналистикаи**
**Донишгоҳи**
**давлатии Самарқанд.**

# АМАЛҲОИ САВОБИ МОҲИ ШАРИФ

***Моҳи муборакии Рамазон аз қадимулайём барои халқи мо чун суннати инсонпарваронаи ниёгон, рамзи меҳрубонӣ ва раҳмдилӣ, саховатмандию бузургворӣ, инчунин айёми обутоби маънавӣ аҳамияти махсус дорад. Солҳои охир дар кишвар эътибор бобати ба наслҳои оянда маънидод кардани арзиш ва анъанаҳое, ки дар худ моҳияти инсонпарваронаи дини муқаддаси исломро таҷассум мекунанд, беш аз пеш афзудааст.***

Аз ҷумла, ин моҳи муборак баробари дастгириву тақозои амалҳои савоб худдориро аз рафтору кирдори носавоб талқин мекунад. Суҳбати мо бо вакили Идораи мусалмонони Ӯзбекистон дар вилояти Бухоро, Сар имом-хатиби вилоят, ректори Мадрасаи олии «Мири Араб»-и Бухоро, барандаи ордени «Имом Бухорӣ» Ҷобир ЭЛОВ дар атрофи ҳамин масъала сурат гирифт.

**– Домулло, моҳи Рамазони шариф муборак шавад! Хуб мешуд ба хонандагони «Овози тоҷик» дар бораи фазилатҳои ин моҳи муборак мухтасар маълумот медодед.**

– Оре, Рамазон моҳи шариф ва муборак аст. Дар ин моҳ ҳар амали рӯзадор ибодат ва савоб шумурда мешавад. Рамазон моҳест, ки дар он дуои ҳар як мусалмон қабул мегардад. Дар ин моҳ раҳмату баракоти Аллоҳи таъоло меборад. Рамазон барои муъмину мусалмонон моҳи баракот аст.

Аввали моҳи муборакӣ Рамазонро раҳмат, мобайнашро мағфират, охирашро рӯзҳои раҳоёбӣ аз дӯзах меноманд. Воқеан, дар он гуноҳҳои шахси ба раҳмати Аллоҳ сазоворгардида бахшида мешаванд, шахси аз гуноҳ покшуда аз дӯзах раҳо ёфта, ба ҷаннат медарояд. Боз як фазилати дигари моҳи Рамазон шаби қадр аст. Ин ба ду маъност: Нахуст шабест, ки аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Сониян дар ин шаб тақдири бандагон то шаби қадри соли оянда сабт меёбад.

Аллоҳи таъоло марҳамат мекунад: «Албатта, мо он (Қуръон)-ро дар шаби муборак нозил кардем. Дарҳақиқат, дар ин шаб кулли амалҳои нек аҷр меёбанд» (сураи «Духон», оятҳои 3-4). Аз ин рӯ, дар ин шаб машғул шудан ба ибодату дуо фазилати ҷудогона дорад. Расулуллоҳ (с.а.в.) фармудаанд: «Касе, ки шаби қадр бо ихлос ва имони комил пинҳонӣ ба сӯйи Аллоҳ ибодат мекунад, ҳамаи гуноҳҳои пешинаи вай афв мегарданд».

Рамазони шариф моҳест, ки дар он раҳмат ва баракоти Аллоҳ таъоло нозил мегардад ва муъминон ба якдигар хайру эҳсон, меҳру мурувват зоҳир мекунанд. Набӣ алайҳисалом мефармоянд: «Ин моҳи хайру эҳсон аст, дар моҳи Рамазон ризқи муъминон зиёда мегардад. Касе, ки дар ин моҳ ба рӯзадор ифторӣ диҳад, гуноҳҳои вай мағфират мешаванд ва аз дӯзах озод мегардад. Инчунин ба вай на кам аз савоби рӯзадор савоб дода мешавад».

Расулуллоҳ (с.а.в.) фармудаанд: «Касе, ки дар моҳи Рамазон амали нафл кунад, ин амал ба фарз баробар аст, касе, ки як амали фарз кунад, он ба амали ҳафтод фарз мувофиқ аст».

Бинобар ин, муъмину мусалмонон бояд баҳри бештар ибодат ва амалҳои нек кардан азму кӯшиш намоянд. Додани закот ва садақаҳои нафл низ дар моҳи Рамазон фазилатнок мебошанд.

Аз Умар ибни Абдулазиз раҳимауллоҳ омадааст: «Агар намоз ба ту раҳнамои ҷаннат бошад, рӯза ба даромадгоҳи он мебарад. Садақа бошад, туро ба вай ворид месозад».

Боз як фазилати рӯзаи рамазон ин аст, ки туфайли он мо нафси худро тарбия мекунем, онро ба сабр омӯхта, бо тоату ибодат обутоб медиҳем. Чунки рӯза се хусусият дорад. Аввало – ибодат аст. Дуюм, рӯзадор барои он ки рӯзааш мукаммал бошад, бояд аз гуноҳҳои хурду калон худдорӣ кунад, сониян, нафси худро идора карда тавонад. Касе, ки ба ин талабҳо пурра риоя мекунад, дар вай малакаи худдорӣ аз гуноҳ, саъй сӯйи некӣ, меҳру саховат ба муҳтоҷон, итоат ба Аллоҳ таъоло ташаккул меёбад.

**– Мегӯянд, ки моҳи Рамазони шариф файзу баракоти зиёд дорад, дар ин бора низ таваққуф мекардед.**

– Дарҳақиқат, моҳи Рамазон манбаи хайру барака аст. Мо дар бораи баракоти ин моҳ бисёр ҳарф зада метавонем. Аллоҳ таъоло дар ояти 185-уми сураи «Бақара» овардааст: «Моҳи Рамазон аст, ки дар он барои одамон ҳамчун ҳидоят «Қуръон» нозил гаштааст».

Яъне дар Рамазони шариф нозил гаштани китоби Аллоҳ таъоло ҳам аз баракоти бузург доштани ин моҳ гувоҳӣ медиҳад.

Расулуллоҳ (с.а.в.) «касе, ки бо имон ва умеди савоб рӯзаи моҳи рамазонро медорад, гуноҳҳои пешинаи вай мағфират мегарданд», гуфтаанд. (ривояти Имом Бухорӣ).

Аллоҳ таъоло соҳиби фазилатҳои бузург, моҳи раҳмат ва мағфират Рамазонро ба ҳамаамон муборак намуда, дар ин моҳ ба адои мукаммали ибодатҳоямон муяссар гардонад.

Мусоҳиб

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Арзишҳо*

# ДУОИ ПАДАР

*Дар вақти навбаҳорон, падар, маро дуо кун,*
*Чун файзи резаборон, падар, маро дуо кун.*
*Бо дидаҳои зорам ҳар лаҳза интизорам,*
*Чун барги сабзазорон, падар, маро дуо кун.*
*Ман дар ғарибиҳоям дур аз канори ёрон,*
*Ҳангоми базми ёрон, падар, маро дуо кун.*

Падар – сутуни асосиву мустаҳками хонадон ва аввалин қаҳрамони ҳар як фарзанд аст. Падар шахсест, ки бидуни суханҳои баландпарвоз ба мо меҳрубонӣ мекунад. Падар барои фарзандони худ роҳ мекушояд ва барои хушбахт шудани онҳо тамоми имкониятҳоро фароҳам меоварад, то ки камоли эшонро бубинад, фарзандон дар осмони орзуи худ озодона парвоз кунанд.

Меҳри падар мисли кӯҳи баланд аст, ки кӯҳ барин пуштбони мост ва моро аз нокомию беадолатии зиндагӣ эмин медорад. Дуруст аст, ки дар ҳаёт роҳҳои каҷу рост ҳастанд, мо бояд аз роҳи каҷ нагардем, дар роҳи рост қадам гузорем, ҳалол ва боимон бошем аз падару модар дуо гирем, падарро ҳеч гоҳ наранҷонем. Аз ҳар сухани падар дарси ибрат омӯзем, зеро ӯ беҳтарин устоди зиндагист.

Падар касест, ки рози дили худро пинҳон нигоҳ медорад, зеро меҳри ӯ на зоҳирӣ, балки ботинӣ аст. Дар ин маврид шоир Султон Муроди Одина чунин гуфтааст:

*Агар модар сифоти ҷумла оламро сазовор аст,*
*Падар бо заҳмати ҷонаш ҳаётатро сабабгор аст.*
*Агар модар ғами худро сабук аз ашк месозад,*
*Падар дар дил ниҳон дорад ғами худ гарчи саршор аст.*

Модар сабаби ба дунё омадани мо, падар муҷиби зиндагонии мост. Мо медонем, ки модарон дарду ғами худро бо ашкрезӣ сабук мекунанд, аммо надидаем, ки падар ғаму андӯҳи худро берун андозад. То падар зинда аст, дар ҳаёти мо ҳеч гоҳ зулмат нахоҳад шуд.

Ҳаминро бояд алоҳида қайд кард, ки агар падар хаставу ғамгин бошад, сабабаш моем, ҳамчунин ҳар гоҳ падар хурсанд бошад ҳам, сабаби он мо ҳастем. Ҳанӯз, ки падару модарон зиндаанд, шарт аст, ки дуои онҳоро гирем, зеро онҳо ғаниматанд.

Паёмбар (с.а.в) фармудааст:

«Се дуо рад намешавад: дуои падар барои фарзандаш, дуои мусофир ва дуои мазлум.»(Ривояти Ибни Моҷа ва Тирмизӣ).

Ин ҳадис нишон медиҳад, ки дуои падар барои фарзандаш дуои қабулшуда аст ва онро Худо рад намекунад.

Хулоса, дуои падар қабулшаванда ва раднопазир аст. Дуои падар ба фарзанд мисли дуои пайғамбар ба умматаш мебошад. Касе, ки падару модарашро эҳтиром мекунад, ризқ ва умри дароз мебинад. Дуои падар метавонад фарзандро аз бадбахтиҳо нигоҳ дорад. Мо – фарзандон бояд дуои падарро ғанимат донем ва ба ӯ ҳамеша ҳусни эҳтиром гузорем.

**С. ДӮСИЁРОВА,**
**донишҷӯйи соли дуюми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро.**

***Ба муносибати иди Наврӯз дар маҳаллаи Оқмасҷиди ноҳияи Самарқанд низ корҳои ободонӣ, роҳандозӣ намудани чорабиниҳо ба назар гирифта шудааст. Раиси маҳалла Илҳом Мирзоев ҳангоми суҳбат таъкид кард, ки аҳолии маҳаллаи мо дар якҷоягӣ корҳои шоёнеро ба анҷом мерасонанд.***

# ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ НАВРӮЗ

Дар маҳаллаи мо 9 кӯча мавҷуд буда, ба ҳар кӯча сардоре интихоб карда шудааст. Кӯчаву ҷӯйҳоро тоза карда, дар атрофи онҳо ниҳолу гул шинониданро ба нақша гирифтаем. Ба пиронсолону маълӯлон туҳфаҳои идона супоридан, ба оилаҳои камбизоату беморон ёрии моддӣ расонидан ва амсоли инҳо дар назар аст. Ҳиссаи фаъолони маҳалла Ислом Шаймуродов, Фирӯза Султонова, Ҷамшед Ҳомидов, Комил Собиров, Ақтем Ҳайдаров, Ҷаъфар Ҷабборовҳо дар иҷрои ин корҳо хеле калон аст.

**Толиб ЮНУСЗОДА.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# БИНОИ НАВИ МАКТАБ ДАР ДАРБАНД



Саҳни мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бойсун намуди идона дошт. Хурсандии омӯзгорону шогирдони дабистон ҳадду канор надошт. Падару модарон низ ба хурсандии онҳо шарик буданд. Зеро барои мактабиён биноии наву шинами замонавӣ ва толори варзишӣ ба истифода супорида шуд.

Дар чорабинии ифтитоҳии мактаб намояндагони ҳокимият, шуъбаи таълими халқи ноҳия, фаъолони маҳалла ва падару модарон ширкат варзиданд. Муовини ҳокими ноҳияи Бойсун Абдуфаттоҳ Ҳасанов ҳамагонро бо ин маскани маърифат табрик гуфт ва зикр намуд, ки бунёди чунин мактаби замонавӣ нишонаи ғамхории сарвари давлатамон ва ҳукумат нисбат ба ҷавонон буда, аз ин шукрона бояд кард. Мудири шуъбаи таълими халқӣ Олтибой Садатов дар суханронии хеш қайд намуд, ки дар ин маскани дорои ҳамагуна шароит ҷавонони ташнаи илм ба камол мерасанд.

Сипас, устодони фахрӣ ва собиқадор Ҷӯра ва Собир Муҳаммадинов, ки солиёни зиёд дар ин мактаб фаъолият бурдаанд ба сухан баромада, дар бораи таърихи гузаштаи мактаб, имрӯзу ояндаи он маълумоти ҷолиб арза доштанд.

Мактабе, ки соли 1953 бо роҳи ҳашар бунёд ёфта буд, ҳоло вайрон гардида, ба ҷойи он биноии боҳашамати сеошёна бунёд гардид. Ҳоло 380 нафар хонанда дар ду биное, ки паҳлӯи ҳам қад рост кардаанд, таълим мегиранд ва ба онҳо 33 нафар омӯзгори маълумоташон олӣ сабақ медиҳанд.

Тазаккур бояд дод, ки аз рӯйи лоиҳаи пешбинишуда биноии мактабро корхонаи хусусии «Кӯчкак чинори» (раҳбараш Зокир Равшанов) ба маблағи 2 573 350 000 сӯм толори варзиширо корхонаи хусусии «Салар Ҷалил» (раҳбараш А.Ҷӯраев) ба ивази 1 896 410 000 сӯм хушсифат бунёд намуд.

Ҳар як синфхона ҷевони китоб, тахтаи синф, мизу курсии шинам дорад. Толори варзишӣ бо таҷҳизоти варзишӣ пурра таъмин гардидааст. Инчунин, дар биноии нави мактаб, ба ҷуз синфхонаҳо, китобхона, хонаи маънавият, хонаи муаллимон, хонаи тиббиёт ва хонаи директор низ ҷойгир аст.

Албатта, месазад, ки фарзандони баркамоли Ӯзбекистони Нав дар чунин як мактаби шароиташ мусоид таълиму тарбия гиранд, чун фарзанди шоиста ба камол расанд ва баҳри ояндаву гул-гулшукуфии диёр камарбаста гарданд.

**Шодӣ РАҲМАТОВ,**
**муовини директори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё.**

***Ба муносибати 120-солагии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ***

# ЧЕҲРАИ МОНДАГОРИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК

Шаҳри бостонии Самарқанд дар домани фарҳангии худ дар ҳама давру замон уламову фузало ва шоирону нависандагони маъруфро ба майдон оварда буд, ки на танҳо ифтихори давронии хеш буданд, балки дар рушду тарвиҷи минбаъдаи афкори илмӣ-адабӣ, иҷтимоиву сиёсӣ хидмати мондагоре анҷом додаанд. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ [1875-1919] аз ҷумлаи ин чеҳраҳои мондагор буд, ки ҳамчун яке аз саромадони матбуоти тоҷику ӯзбек дар рушду тарвиҷи бевоситаи публитсистикаи тоҷику ӯзбек нақши сазоворе гузоштааст.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ соли 1875 санаи 19 январ [1291 ҳиҷрӣ, 10-зулҳиҷҷа] дар деҳаи Бахшитеппаи наздикии Самарқанд чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Адабиётшиносони зиёди тоҷику ӯзбек доир ба таърих ва макони валодати Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба таври амиқ сухан нагуфтаанд. Ба гувоҳии донишманди тоҷик Расул Ҳодизода «санаи таваллуди Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар ҳама ҷо соли 1875 нишон дода шудааст. Аммо ҳоло маълум нашуд, ки ин сана аз куҷо ва аз кадом санад гирифта шудааст». Аз деҳаи тоҷикнишин будани зодгоҳи Беҳбудӣ ёд намуда, Расул Ҳодизода таъкид менамояд, ки «дар саҳеҳии ҷойи таваллуди Беҳбудӣ ҷойи тардид нест, зеро инро писари аршад ва марҳуми ӯ Масъудхоҷа ва имрӯз бозмондагони авлоди ӯ низ тасдиқ мекунанд».

Аксари муҳаққиқон паҳлӯҳои муҳимми рӯзгори Маҳмудхоҷа Беҳбудиро ба таври густурда мавриди омӯзиш қарор надода, ё аз фарогирии сарчашмаи аслӣ бебаҳра мондаанд, бештари онҳо дар аксар маврид якнавохт баёни андеша намуда, ё ба ибораи дигар, яке дигареро такрор кардааст.

Яке аз пайравон ва равшангари машҳури он замон Сайидризо Ализода низ ба ҳаёту фаъолияти ин маорифпарвари барҷаста дар яке аз навиштаҳояш даход намуда, соли таваллуди Беҳбудиро 1291 ҳиҷрӣ, ҳаждаҳи зилҳиҷҷа дар Самарқанд донистааст.

Ҳамчунон донишмандони маъруфи тоҷик З. Раҷабов, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, Н. Ғаффоров, И. Усмонов ва дигарон соли 1875-ро соли таваллуди Беҳбудӣ донистаанд. Муҳаққиқи ӯзбек Б. Қосимов бо назардошти ихтилоф дар ин замина соли 1875 ба дунё омадани ӯро дуруст шуморидааст. Муҳаққиқи дигар Н.Каримов низ дар китоби худ ин ҳама андешаҳои гуногунро дар мавриди валодати М. Беҳбудӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае меояд, ки ин равшангари маъруф «19 январи соли 1975 таваллуд ёфтааст».

Беҳбудӣ дар давоми зиндагиаш аз шаҳрҳои зиёди олам дидан намудааст ва ин ҳама сафарҳо ба ӯ таъсири зиёде мерасонанд. Чунончӣ, бо мақсади ҳаҷ соли 1900 Беҳбудӣ ба зиёрати Маккаву Мадина меравад ва аз шаҳрҳои бузурги Қоҳираву Истанбул дидан менамояд. Ошноӣ бо усулҳои нави таълим дар мактабҳо, пешрафту рушди илму техника, бо назардошти урфу одатҳои он шаҳрҳо, ба Беҳбудӣ таъсири зиёд намуд. Дар фосилаи солҳои 1906-1907 аз шаҳрҳои Русия – Петербург, Уфа, Маскав ва Нижный Новгород дидан намуд. Беҳбудӣ аз сиёсату авзои он шаҳрҳо воқиф гардида, ғарқаи афкори воло ва муассир ба ватан баргашт.

Бо дарки авзоъ ва ҳолати нобасомони кишвар Беҳбудӣ ниҳоят пайи тарғибу ташвиқи ислоҳи ҷомеа ба фаъолият пардохт. Ӯ бо рӯзномаҳои давр чун «Туркистон вилоятининг газетаси», «Тараққий», «Хуршид», «Туҷҷор» ҳамкорӣ ва робитаи зич дошт. Ҳар навиштаи ӯ фарогири масоили мубрами ҷомеа буд, ки бо инъикоси воқеии замон ҳамватанонашро аз вазъу ҳолати ногувори ҷомеа воқиф менамуд.

Беҳбудӣ чун мубаллиғ дар ташкил ва тарғиби мактабҳои усули нав бештар бо дӯстон ва шогирдон: Абдуқодир Шакурӣ, Саид Аҳмади Сиддиқии Аҷзӣ, Абдурауфи Фитрат, И. Раҳматуллозода ва Ҳоҷӣ Муин ҳамкорӣ дошт. Ӯ манзили худро ба мактаби Абдуқодир Шакурӣ дод, то ки ҳудуди мактаб васеъ шавад ва сафи толибилмон афзун гардад.

Маҳз дар ин давра бо дарки мавҷуд набудани китобҳои дарсӣ Беҳбудӣ китобҳои «Мухтасари ҷуғрофияи русӣ», «Мухтасари ҷуғрофияи умумӣ», «Китоб-ул-атфол», «Мухтасари таърихи ислом»-ро таълифу тасниф намуд. Ин китобҳо ба тарғиби илму фанни замонавӣ равона шуда буданд. Беҳбудӣ дар роҳи ормонгароӣ ба кушодани аввалин китобхонаҳо тавфиқ ёфт, аксари китобҳои онро худаш дарёфта, фонди китобхонаҳоро афзун гардонидааст. Таъсиси «Нашриёти Беҳбудӣ» низ дар ин роҳ мусоидат кард.

Хидмати дигари Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар он аст, ки ӯ соли 1913 песаи «Падаркуш»-ро таълиф намуда, ба анъанаи драманависӣ дар адабиёти тоҷику ӯзбек асос гузошт.

Дар он даврон «амалдорони ҳукумати амирӣ ва махсусан амир Олимхон ӯро душмани ашаддии худ медонистанд». Ин буд, ки Беҳбудиро ваҳшиёна ба қатл расонданӣ шуданд. Вай дар Шаҳрисабз дастгир шуд. Дар Қаршӣ дар боғи подшоҳ Тағойбек Беҳбудӣ ва ҳамроҳонаш барои хеш қабр мекобанд ва дар сари ҷойнамоз оғуштаи хун мегарданд.

Солҳои охир бо шарофати насими истиқлол чеҳраҳои намоёне, ки замоне номашон аз ёдҳо рафта буд, дубора зинда гардиданд. Номи Маҳмудхоҷа Беҳбудиро, замоне пас аз марг, ба шаҳри Қаршӣ гузошта буданд. Аммо баъди чанде [1937] чун душмани халқ номаш аз тамоми гӯшаву канор бардошта шуд. Ҳатто, яке аз муҳаррирони рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» марги Беҳбудиро хуш пазируфта буд: «Хуб шуд, ки Беҳбудӣ вафот кардааст. Агар Беҳбудӣ имрӯз зинда мебуд, ба Туркистони мо Анварпошои дуввумро оварда, ба ягон мансабе соҳиб мешуд».

Ба ин гуна андешаҳои ботилу ғаразнок Ҳоҷӣ Муин ҷавоби шоиста гардонид. Аммо ин туҳмату андешаҳои ғаразноки иддае аз муҳаққиқон ба шарофати насими истиқлол бекор гардида, таҷдиди назар ба ин масъала сурат гирифт. Профессор Иброҳим Усмонов дар ин маврид чунин навиштааст: «Аҷиб аст чархи фалак. Ному амали шахсе, ки панҷяки аввали қарни XX «бузургвор»-аш мегуфтанд ва дар ҳар кор пешраву пешбинаш мехонданд, дар панҷяки охири ҳамин қарн ба вартаи фаромушӣ афтод».

Олимони тоҷик З. Раҷабов, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, А. Набиев, А. Абдуманнонов, С. Табаров, И. Усмонов, Н. Ғаффоров низ саҳми ин пешвои маорифпарваронро дар рушди публитсистикаи тоҷику ӯзбек баён намудаанд. Дар ин самт дар Ӯзбекистон корҳои зиёди таҳқиқотӣ анҷом ёфтаанд, ки дар шинохти ин чеҳраи мондагор мусоидат менамоянд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Муҳаммад ШОДӢ*

# ЗАРУ ЗЕВАР

***(Ҳикояи воқеӣ)***

– Диққат. Суд меояд!

Хумор дар курсии сиёҳ нишаста ва мисле болои хор бошад, сахт ноҳоҳат аст. Чанд ҳамкораш, ки дар маҷлиси суд нишастаанд ва ба бар хилъати сафед доранд, музтарибанд. Хусусан, Тоҷибар аз вазъе, ки ба амал омада, бештар ноҳинҷор ва сари худ боло бардошта наметавонад.

Хумор ҳамшираи одӣ буду Тоҷибар мудири шуъбаи поликлиника. Яке дар манзили якҳуҷрадори биноии чаҳорошёна, дувумӣ дар ҳавлии ҳашаматнок бо оилаҳои худ мезистанд. Шавҳари Хумор посбони маҳалла буду соҳиби сари Тоҷибар савдогари калон. Ба «нобаробари»-е, ки ба чашм мехӯрд, нанигариста, ҳар ду дугонаи наздик буданд. Равуоҳои оилавӣ риштаҳои байни хонадонҳои одиву дороро мустаҳкам месохт. Ба зоҳиран «хоҳарвор» муносибат кардани мудири шуъбаву ҳамшира ҳамкорон ҳавас мекарданд. Вале ин дер давом накард.

Хумор акнун ба рӯзгори осудаи дугонааш бо чашми ҳасад менигарист. «Баробари шавҳараш худаш ҳам меёбад. Роҳбар, ки ҳаст, кораш пеш. Ман ҳатто куртае надорам, ки кас ҳавас кунад».

Тоҷибар, ки дугонаашро гуселкунӣ баромад, гуфт:

– Гум шуда нарав, омада ист.

– Биёям, мегӯям, лекин.., – нигоҳи вай ба саги занҷирбанди дами дарвоза гиреҳ хӯрд. Чашми оташбори ҷонвар ӯро тарсонд. Шикоятомез идома дод:

– Метарсам аз ана ин лаънатӣ. Хӯрам, мегӯяд-а.

– Э, туро намешиносад?

– Чӣ набошад, саг-да. Бовар карда мешавад?

– Натарс, – гуфт соҳиби хона, – ба касе, ки бо нияти соф омадааст, кордор нест.

Вақте Хумор «Э, номаш саг!» гуфта, аз дарвоза мебаромад, ҷонвар беқарор шуд ва сахт ғуррид. Тоҷибар:

– Беркут? – ранҷишомез садо баровард сӯи саг. – Ба ту чӣ шуд?

***

Султон бо ҷӯраҳояш гирди миз нишастааст. Вақте Хумор ошро овард:

– Худат ҳам шин, – гуфт Дилмурод.

– Чой оварам, – рафтагор шуд соҳиби хона. Шавҳараш ӯро нигоҳ дошт ва ба маънои «боз якто» ангушт нишон дод.

Хумор, дар даст шиша, бозгашт ва ба давраи мардҳо ҳамроҳ шуд. Ба стаканҳо май рехта, Дилмурод эълон кард:

– Аз ҳамин рӯз эътиборан Хумор ба мо ҳамроҳ.

– Ҳамроҳи одӣ не, ба амалиёти имрӯза роҳбалад, – даҳон ширин кард Турғун. – Фармондеҳ!

Султон аз ӯҳдабароии завҷааш ботинан завқида бошад ҳам, мисле ба оҳанги эътироз:

– Тайсон, ин чӣ гуфтагиат? – гуфт нимшунаво. – Шавҳар аскари қаториву зан командир?

Мардҳо хандиданд. Хумор ба нуқтаи номаълум менигарист ва аз дил мегузаронд: «Ва ниҳоят, ман ҳам шарики ин дуздҳо… Ҳамин хел накунам нашуд!»

– Чиро фикр карда мондӣ, шарик? – пурсид Дилмурод.

Ман як ҳавлии дигарро медонам.

– Саг дорад?

– Надорад.

– Ба Худо шукр.

– Меравем?

– Хаёли зани ман дар шадда-шадда марворид, – хандид Султон.

Ҳақиқатан фикру хаёли Хумор ба зару зеварҳои дугонааш Тоҷибар банд буд. «Ба даст оварам, мефурӯшам. Дигарашро мехарам».

– Шарикҳо, вақт шуд, – ба соат нигарист Турғун. – Намехезем?

***

Хумор «тӯда»-ро рост ба ҳавлии дугонааш бурд. Нисфишабист. Ҳама ҷо торик. Вале аз хаёле, ки ба сараш меомад, дили Хумор равшан мешуд. «Зеварҳо ба ман кифоя, ғаниматҳои боқимонда аз они мардҳо».

Вақте аккоси Беркут шунида шуд, ба Турғун, ки ба девор часпида мебаромад, Хумор: «Тайсонака, аз саг эҳтиёт шавед, лаънатӣ, ниҳоят ганда», гуфт бо овози паст.

Ба «посбони ҳавлӣ» чӣ тавр муомила карданро Турғун пешакӣ фикр карда буд. Аз девор ба тарафи дарун фуромада-нафуромада, вай ба навозиши саг даромад ва ба наздаш колбасаеро партофт, ки ба дарунаш доруи захрдор гузошта шуда буд. Саг сагиашро кард ва зуд ба колбаса даҳон андохт, хоид, фурӯ бурд, лаб лесид ва умедвор ба Турғун нигарист. Турғун гуфт: «Барои дароз кашида хобиданат ҳамин кифоя аст».

Аммо ин тавр нашуд. Хавфро дурусттар пай бурда, саг ба аккос даромад, «шабгард»-ҳо саросема шуданд. Чӣ бояд кард? Ҳамаро ба по хезонданаш мумкин ин расво. Бояд гурехт.

«Заҳр гуфта, доруи бетаъсирро дода будааст, ифлос!» – доруфурӯшро ҳақораткунон Турғун бо эҳтиёт ба тарафи кӯча гузашт. Вақте шӯру ғиреви саг баландтар шуд, вай «Чаро истодаед, гурезед!» – амр намуд ба ҳамроҳҳояш.

«Тӯдаи чаҳорнафара» осема худро ба қафо зад. Дили Хумор сип-сиёҳ. «Илоҷи даромадан нашуд – саг кора расво кард. Зевар насиб накарда будааст. Афсӯс!»

Дур шуданд ва чун бартарафшавии хавфро пай бурда, ба як ҷо ҷамъ омаданд, Турғун:

– Чӣ кор мекунем? – рӯй овард ба даста. – Дасти холӣ ба хона баргардем?

– Не, Тайсонака, – даҳон кушод Хумор. – Ман як ҳавлии дигарро медонам.

– Э, албатта!

***

Хумор ҳамтабаққояшро ба ҷойи дигар бурд.

– Хонаи Нуъмонбойбача-ку, – пичиррос зад Дилмурод.

– Кор омад кунад, ҳоли бойбачаро хароб мекунем, – гуфт Султон, – ба ҷойи вай мо бой мешавем, чӣ гуфтӣ, Тайсон?

Дуздҳо оиди оне, ки чӣ кор кунанд, маслиҳат намуданд. Дилмурод ба симчӯб часпид, симҳои барқу телефонро бурид.

Гулӯи Нуъмонро, ки бо завҷааш мехобид, касе буғикунон ба худ кашиду вай чашм кушод ва парида аз ҷой хест. «Роҳзанҳо!» – бо таҳлука аз дил гузаронд.

– Даматро набарор, – фишшос зад ниқобпӯш, ба чаккааш таппонча рост карда.

Нуъмон саросема ба завҷааш нигарист ва аз даҳшат даҳонаш воз монд: ниқобпӯши дигар ба гулӯи Зарина корд дошта бо пӯписа мепурсид: «Калид куҷост? Аз ту мепурсам, калиди сейф канӣ?»

Дузди сеюм, дар даст фонар, ҳама ҷои хонаро тагорӯ мекард, ҷевонҳоро мекофт…

Нуъмон пайт ҷуста, ба дасти ниқобпӯше, ки наздаш меистод, сахт парида зад, таппонча аз дасти вай парид. Ҳарду якдигарро чанд мушт заданд. Дузд ин бор бо корд ҳамла кард. Рақиб сар нафуроварда муқобилат намуд ва корди ба замин афтода тӯли чанд сония ду-се бор аз даст ба даст гузашт. Китфи ниқобпӯш хуншор гашт. Вай боз бо корд ҳамлавар шуда, ба ҷойи ростомадаи соҳиби хона чанд зарба зад.

Нуъмон нолишомез дароз кашид. Вақте фарёди зани ӯ баланд шуд, дуздҳо саросемавор худро ба берун заданд.

***

Нуъмон дами субҳ дар беморхона аз олам гузашт. Ба «гуруҳи зудамал»-и тафтишӣ, ки ба ҳаракат даромада буд, Султон (ҳамчун посбони маҳалла) ҳамроҳӣ мекард. Аз чашмпӯшии Нуъмон вай ҳам афсӯс мехӯрд ва мегуфт: «Ҳайф шуд. Одами нағз буд».

Ҷустуҷӯйи ҷинояткорон хеле давом кард. Вале натиҷа надод. «Дело» пӯшида шуд.

Аз байн ду сол гузашт. Ба ноҳия додситони нав таъин шуду вай «корҳои пӯшидашуда»-ро аз нав варақ зад. Таҳти роҳбарии ӯ воқеаҳои марбут ба фоҷиаи Нуъмон низ аз нав омӯхта шуданд. Тамоми муассисаҳои табобатии вилоят таҳти назорати «гуруҳи зудамал» қарор гирифт. Рӯйхати онҳое, ки аснои рӯйдоди фоҷиаомез дар шуъбаҳои ҷарроҳӣ ба қайд гирифта шудаанд, аз назар гузаронда шуд. Исму фамилияе диққати мақомоти тафтишотро бештар ба худ кашид.

Турғун (Тайсон) ноилоҷ ба ҷинояти худ иқрор гашт.

Дуздиву тороҷгариҳои дигари даста низ фош шуда буд…

Хумор дарақ-дарақ меларзид. Мисле аз забон монда бошад, ба саволҳо ҷавоб намедод. Танҳо вақте ба дасташ «қулфаки оҳанин» мезаданд, «қулфи даҳон»-аш кушода шуда:

– Ба ҳамааш айбдор ана ҳамин! – гуфта шавҳарашро нишон дод.

– Не, худаш. Сабабчӣ ана ҳамин лаънатӣ! – ба вай теғкашон менигарист Султон. – Зару зевар гуфта…

«Таппонча» (дар асл бозичаи бачагона будааст) аз ҷойи воқеа ёфт шуда буд. Хумор дар куҷо будани дастпӯш, ниқоб ва дигар аслиҳаҳоро гуфт. Дар назди ҳоҷатхонаи канораи маҳалла дасти ӯро кушоданд. Вай маҷбур буд чизҳои партофтаашро… гирифта барорад. Ана ба ту зар, мана зевар, мегуфт ба худ бо афсӯсу надомат.

Маҷлиси суд давом мекунад. Қатори дигарон чанд нафар бонувоне ҳам, ки ходимони тиббианд, бо сари хам нишастаанд. Намедонанд чӣ тавр ҷониби собиқ ҳамкорашон, ки қатори дузду роҳзанҳо дар курсии сиёҳ нишастааст, нигаранд.

Аз ҳама музтариб – Тоҷибар, ки як вақтҳо дугонаи наздик буд ба судшаванда. «Хонаву ҷой, шавҳар, гул барин фарзанд, ҷойи кор доштӣ, Хумор. Чӣ намерасид? Зару зевар?»

Нохушии ду сол пештар рӯйдода дар пеши назараш зинда шуд. Саҳари солеҳон сӯйи дарвоза қадам зад. Чашмаш ба Беркут афтод, ки бо як ҳол дароз кашида буд. Саг одатан пойҳои пешашро ба зери ҷоғи худ гузошта мехобид. Вале ин дафъа ҷоғи он болои кулухмайдаҳост.

– Беркут! – фарёде баровард вай.

Ҷасади ҷонвар кайҳо сард шуда буд. Бадани соҳибхона ваҷаррос зад.

Пагоҳаш ба кор рафт ва нохуширо ба дугонааш расонд. Хумор:

– Наход.., – гӯён дар ҷойи истодааш шах шуд.

Ин асно нафаре назди онҳо омад ва гуфт: «Нуъмонакаро корд задаанд». Рӯйи Хумор чӣ тавр ранг бурдаву ранг меовард, ба дугонааш аён гашт.

Ҳамааш дар ёдаш. Ҳа, Тоҷибар фаромӯш накардааст.

Вай ҷуръат карда, ба сӯйи дугонаи айбдоршавандааш нигарист. Бо нафрат? Не. Нисбати ӯ ҷуз ҷонсӯзӣ чизи дигаре ҳис нанамуд. «Раҳмам меояд, Хумор, раҳмам!..»

# ТАЪРИХИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

***Наврӯз рамзи фарорасии баҳор ва оғози марҳилаи нави зиндагӣ, аз қадимтарин ҷашнҳои рӯйи замин маҳсуб меёбад, ки ҳанӯз дар асри VII то милод таҷлил мешуд. Наврӯз бо парастиши Офтоб ва номи пайғамбар Зардушт рабт дорад. Қадимтарин манбае, ки дар он аз ҷашни Наврӯз ёд мешавад, китоби муқаддаси зардуштиён – «Авесто» мебошад. Тибқи таълимоти «Авесто», ҳар баҳор мардум бояд пайдоиши зиндагиро дар рӯйи Замин дар «шаш сурат» – осмон, замин, об, набототу, ҳайвонот ва одамон ҷашн бигиранд.***

***Дар асарҳое чун «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳон Берунӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Девон улуғотит-турк»-и Маҳмуд Кошғарӣ, «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ, «Наврӯзнома»-и Умар Хайём ва дигар манбаъҳои қадимӣ дар бораи таърихи Наврӯз маълумоти гаронбаҳо дода шудаанд.***

***Соли 2009 Наврӯз мақоми ҷашни байналмилалиро гирифт ва ба рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО ворид шуд, ки ин бесабаб нест. Зеро рӯҳ ва фалсафаи Наврӯз аз даъват ба сулҳ ва дӯстӣ, меҳру муҳаббат иборат аст.***

## Анъанаҳо ва маросимҳо

Ин ҷашн ба умедҳои нав, орзу ва имкони оғоз аз сифр сахт алоқаманд аст. Бинобар ин, тибқи анъана, пеш аз ҷашн бояд қаҳриён бо ҳам оштӣ кунанд, ҳамаи қарзҳоро бахшанд ва тавба намоянд. Садсолаҳо пеш дар Наврӯз сулҳҳои ҳарбӣ баста мешуданд ва ҳатто душманони ашаддӣ бо ҳам сулҳ мекарданд, таомҳои идона ва шодиву сурур тақсим мешуданд.

Алҳол дар остонаи ҷашн дар саросари ҷумҳурӣ ҳашарҳои умумихалқӣ гузаронида шуда, манзилҳо ва кӯчаҳо ба тартиб оварда мешаванд, ниҳолу дарахт нишонда шуда, зиёратгоҳҳои муқаддас обод мегарданд.

Муҳимтарин рӯзи ҷашн 21 март аст. Бино ба эътиқод, ҳар қадар Наврӯз шукуфотар ва шодмонтар гузарад, табиат нисбат ба инсон ҳамон қадр саховатманд мешавад. Аз ин рӯ, аз субҳи барвақт садои карнаю сурнай, доира ва нақораҳо аз фаро расидани Наврӯз хабар дода, мардумро ба танаҳои ҷашнӣ даъват мекунанд.

Дар рӯзҳои Наврӯз бозиҳои миллии варзишӣ, чун гӯштӣ, бузкашӣ, арғамчинкашӣ, пойгаи аспдавонӣ ва камонварӣ ба ҳама шодиву ҳаловат ва рӯҳияи болида мебахшанд. Ин бозиҳо аз азал барои тарбияи ҷисмонии насли ҷавон, шаклгирии сифатҳои олӣ чун нангу номус, ҳалолӣ, мардонагӣ ва ватандӯстӣ аҳамияти бузург доштанд.

Маросими афрӯхтани гулхан, машъал ва шамъ то имрӯз ҳифз шудааст. Тибқи анъана, мардум барои пок шудан аз гуноҳҳо бояд ё аз болои як оташ ҳафт маротиба ё як бор аз болои ҳафт оташ биҷаҳанд.

Бар асоси боварҳои мардумӣ дар ин ҷашн бисёр чиз ба шахсе вобаста аст, ки аввалин шуда ба хона қадам мегузорад. Меҳмони аввали Соли нав бояд ғамхору меҳрубон, ном ва эътибори нек дошта бошад. Муҳимтар аз ҳама, ӯ бояд «бапоюю қадам» бошад, яъне ба хона бахту саодат оварад.

## Таомҳо ва шириниҳои идона

Дар ин рӯз тамоми аъзои хонавода дар атрофи дасторхони идона ҷамъ мешаванд. Бешак, дасторхон бояд бо таомҳое зинат дода шавад, ки рамзи зиндагии наванд: донҳои гандуми сабзшуда, самбӯса, манту ва тушбера (барак)-и алафин. Илова бар ин, палав, шӯрбо, гӯшт, тухми сабзранг (ранги баҳор), бодом, чормағз ва ширинӣ низ ба дасторхон гузошта мешаванд.

Аммо таоми асосии дасторхони идона бидуни шубҳа, суманак аст, ки аз гандуми сабзшуда бо равған ва орд тайёр карда мешавад. Ин неъмати қадимӣ ва рамзи баҳор аст ва дар бораи пайдоиши он ривояту афсонаҳои зиёде вуҷуд доранд.

Бар асоси яке аз ин афсонаҳо замоне дар қалъае, ки душманон муҳосира карда буданд, озуқа тамом мешавад. Аммо аҳолӣ бо гандуми сабзшудае, ки дар охири халта ёфтанд, тавонистанд шикамашонро сер кунанд ва зинда монанд.

Бар асоси афсонаи дигар, номи ин таом маънои «30 фаришта»-ро дорад ва онро як зани фақир ихтироъ кардааст, ки худи фариштаҳо ба ӯ дар пухтани ин таом кумак кардаанд.

Тавре ки аз давраҳои қадим маъмул аст, таоми тайёршударо бояд бо дӯстон, ҳамсояҳо ва ҳатто роҳгузарони одӣ тақсим кард, ки ин дар Соли нав фаровонӣ ва муваффақият дар савдоро таъмин месозад. Ҳамчунин боваре ҳаст, ки агар касе аз ҳафт деги гуногун суманак бичашад, тамоми сол бахту саодат насибаш мегардад.

Ин ҷашни қадимӣ имрӯз ба ҳаёти муосир мутобиқ шуда, ба як ҷузъи муҳими фарҳанги мо табдил ёфтааст.

Таҳияи
**Аъзам АМИРҚУЛОВ,**
**омӯзгори Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав.**

# ЧЕҲРАИ МОНДАГОРИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК

(Аввалаш дар саҳ.3).

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ яке аз донишварони шаҳир ва публитсисти маъруфи авохири садаи XIX ва оғози садаи XX буда, осори адабӣ ва публитсистии ӯ дар адабиётшиносии мо, онгуна ки шоистаи ӯст, ба таври комил ба пуррагӣ тадқиқ нашуда ниёз ба омӯзиш аст. Зикр намудан бамаврид аст, ки Беҳбудӣ аз лиҳози таълифи мақолоти илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ, публитсистӣ аз пуркортарин адибони маъруфи он давр аст ва теъдоди зиёди мақолоти ӯро шумурдан ҳам имкон надорад.

Дар мавриди шахсияти Беҳбудӣ яке аз пайравонаш Сайидризо Ализода чунин таъкид менамояд: «Маҳмудхоҷа аввалин ношири маориф ва маданият, Маҳмудхоҷа бузургтарин ходими миллат ва ҷамоат буд. Мушорунилайҳ дар як замоне, ки рондани сухани тараққӣ ва маориф дар кишвари мо аз бузургтарин гуноҳ ба шумор мерафт, дар як гоҳе, ки будани номи мактаб ва ҷароид ба манзалаи калимаи кофир шинохта мешуд, мардона ба майдон даромада, далерона ба ҷаҳолат ва нодонӣ бинои мубориза гузошт, ба нутқҳои балеғона ва мақолаҳои муассиронааш мусулмононро бедор сохта, ба сӯйи илм ва маориф савқ дод». [«Шуълаи инқилоб», №35, 8-04-1920].

Профессор Расул Ҳодизода хидмати бузурги Беҳбудиро ба сифати асосгузори матбуоти тоҷику ӯзбек таъкид карда, чунин мегӯяд: «Беҳбудӣ асосгузори матбуоти тоҷику ӯзбек, сардафтари публитсистикаи тоҷику ӯзбек буд».

Воқеан хидмати таърихии М.Беҳбудӣ дар он аст, ки ӯ бо назардошти муҳимияти матбуот барои ҷомеа аз ҳисоби худ моҳи апрели соли 1913 аввалин нашрияи «Самарқанд»-ро бо забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ нашр намуд. Ин нашрияи мубаллиғи афкори ислоҳталабони Осиёи Марказӣ ҳарчанд умри дароз надид, бо матолиби рангини хеш тавонист дар вусъату густариши афкору ҷаҳонбинии омма нақши муассире гузорад. Нашри он то моҳи августи соли 1913 идома ёфта, ҳамагӣ 45 шумора нашр гардид.

Дар нашрия бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ маводҳои пурарзише дарҷ гардидаанд, ки дар бозгӯйии масоили умдаи ҷомеаи он давр аҳамияти хос доранд.

Беҳбудӣ пас аз он ки нашрияи «Самарқанд» бо ҷурми хисорот ва зарари иқтисодӣ аз нашр боздошта шуд, бо дарёфти шароиту имконият ба нашри маҷаллаи бонуфузе оғоз намуд. Тобистони [20-август] соли 1913 нахустин шумораи маҷаллаи «Ойина» ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ нашр гашт. Ба гуфтаи ношир «Ойина» «маҷаллаи илмӣ, адабӣ, сиёсӣ, фаннӣ ва таърихӣ буда, он ахбори ҳафта, ҳаводиси тозаи ҷомеа ва оламро дар саҳифаҳояш мунъакис менамояд».

Беҳбудӣ ба ҳамватанону ҳамзабононаш чунин хитоб кардааст: «Маҷалла аз они мо нест, аз они миллат аст». Ин маҷалла ҳамагӣ 68 шумора нашр гардидааст.

Ормонҳои Беҳбудӣ ва ҳаммаслаконаш ба вусъат ва густариши афкору ҷаҳонбинии мардум мусоидат намуданд. Матолиб бо назардошти талабот ва ниёзҳои маънавӣ дар ҷомеа бо такя ба воқеияти иҷтимоӣ ва баррасиву хулосабарории мушаххас ба риштаи таҳрир омаданд. Ҷавҳари асосӣ дар нашри маҷалла ҳамон мушкили ислоҳ ва таҷдиди ҷомеа аст.

Ба андешаи Беҳбудӣ, ислоҳи ҷомеа, пеш аз ҳама аз мактаб оғоз меёбад, зеро мактаб роҳи фардоро равшанӣ мебахшад. Ӯ ҳаёти миллатро ба мактаб вобаста дониста, мегӯяд, ки «ислоҳот дар ҷомеа пеш аз ҳама «аз мактабу мадраса оғоз мегардад .Чунки ҳаёти миллат вобаста ба мактабу маориф аст. Мактабу мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад». [«Ойина», №1, 20.08.1913]

Дар мавриди таъсиси ин маҷаллаи бонуфуз шеъре аз ҷониби шоир Мир Сарвар таълиф гардидааст, ки дар он омадааст:

*Биҳамдуллаҳ, ки дар мулки Самарқанд,*
*Аҷаб «Ойина» пайдо гашт, аҳсан!....*
*Чунин «Ойина»-и софу зиёбахш*
*Бидида, дидаи ман гашт равшан.*
*Хаташ хубу иборатҳош марғуб,*
*Зи ахбору ҳикоятҳо чу гулшан!*

Агар ба осори публитсистиаш рӯ оварем, навиштаҳои «Усули ҷадида чӣ гуна аст?», [«Б.Ш»,1912], «Миллатҳо чӣ гуна тараққӣ мекунанд?» [«Миллатлар қандай тараққий этарлар»],«Эҳтиёҷи миллат» [«Самарқанд»,1913], «Ойина чист?», «Ҷуғрофиё чист?», «Таърих ва ҷуғрофия», «Иллатҳое, ки моро мехоянд» [«Бизни кемиргувчи иллатлар»], «Тил масаласи», «Икки эмас, турт тил лозим» [«Дуто не чор забон даркор аст»], «Таърихи ихтирои башар»,«Мӯҳтарам ёшларга мурожаат» [«Ойина», 1913-1915] ва ғайраро метавон мушоҳида намуд, ки фарогири мавзуоти гуногунанд. Зикр намудан бамаврид аст, ки махсусан маҷаллаи «Ойина»-и ин чеҳраи барҷастаи наҳзати маорифпарварӣ дар таърихи адабиёту матбуоти оғози садаи XX аз умдатарин ва ҷолибтарин падидаи адабӣ-фарҳангӣ ба шумор меравад, ки дар рушду ташаккули матбуоти тоҷику ӯзбек нақши барҷаста дорад. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ чун яке аз саромадони матбуоти тоҷику ӯзбек дар мавриди назарияи матбуот чунин мегӯяд, ки «матбуоти ҳақиқӣ он аст, ки бояд рӯйи хотири касе накунад».

Назар ба таъкиди муҳаққиқи ӯзбек Б.Қосимов «баъзеҳо мақолаҳои ӯро 200 адад, дигарҳо 500 адад» гуфтаанд. Ҳоҷӣ Муин бо зикри доираи фаъолияти Беҳбудӣ дар 18 рӯзнома теъдоди нигоштаҳои ӯро наздик 200 адад шумоਰидааст. Ва ин гуна навиштаҳои пурарзиши Беҳбудӣ хеле зиёданд, ки агар «ҳамаи онҳоро якҷо ҷамъ намоем, як китоби 500-600 саҳифадор мешавад».

Аммо осори Беҳбудӣ бо ин теъдод маҳдуд буда наметавонад. Нукоти муҳими илмӣ-адабӣ ва фарҳангию публитсистии ҷолиби осораш ба вижа баррасии осори адабӣ, илмӣ, таърихӣ, публитсистӣ ва он шеваи нигориш мақолоти ин ходими фаъоли матбуот аз ҳар ҷиҳат шоёни таҳқиқу пажӯҳиш аст. Имрӯз моро зарур аст, то ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ин равшангари машҳур ошноӣ пайдо намоем ва ба аксари кулли матолиби кӯҳна дар ин замина нигоҳи наве андозем. Яъне дар ин замина ҳамкории судманд миёни аҳли илму адаби тоҷику ӯзбек метавонад самараҳои зиёд ба бор оварад. Омӯзишу таҳқиқи осору нашрияҳои Беҳбудӣ ҳамчун падидаи тозаи маънавӣ ва фарҳангӣ, ки дар шаклгирии баъзе аз анвои адабӣ ва публитсистикаи тоҷику ӯзбек таъсир ва нақши муайяне доранд, дар ҳоли ҳозир ба манфиати кор аст.

**Абдуқодир ШЕХОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**устоди кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи ДДХ.**

# ЛИБОСИ МИЛЛӢ – РАМЗИ МИЛЛАТ

***Мо аз он хушбахтем, ки таърихи чандинҳазорсола дорем ва нақшу нигораҳои миллиамон дар сару либос ва анъанаҳои миллиамон инъикос меёбанд. Либоси миллии мо ифодагари назокату малоҳати бонувон буда, бо атласу адрас ва банорасаш машҳури ҷаҳон аст.***



Эҳтиром ба либоси миллӣ вазифаи ҳар як кас мебошад.

Дар ин бобат дар вилояти Намангон низ корҳои муфид ба сомон мерасанд. Аз ҷумла, ҳар рӯзи ҷумъа пӯшидани либосҳои миллӣ ба роҳ монда шуд. Дар корхонаву ташкилот, муассисаҳои таълимиву тиббӣ, ... ҳама дар сар тоқиву дар бар атласу адрас мепӯшанд.

– Мутаассифона, солҳои охир эътибор ба либоси миллӣ кам шуда буд, – мегӯяд омӯзгори собиқ Зулфия Холдорова, – аммо тақлид ба либоспӯшии бегонагон афзуд, ба пӯшидани ҳиҷобу либосҳои танг, ҳатто даридаву рангпарида одат кардем. Дар ин бора ҷавонон, албатта, зиёдаравӣ мекунанд. Мо – калонсолон ба назорати онҳо сари вақт эътибор надодем.

Мо дар оила 7 нафарем: писару ду духтарам дар корхонаи давлатӣ кор мекунанд. Набераҳоям дар донишгоҳу мактабҳо таҳсил мекунанд, дар муассисаҳои томактабӣ тарбия мегиранд. Дар хонаводаи мо низ ба масъалаи либосҳои миллӣ, харидану дӯхтани онҳо эътибор афзуд. Албатта, аз ин шод мешавам. Ба онҳо дар бораи ҷавонии худ, либосҳои он замон ҳикоя мекунам. Бояд аз либосҳои миллии худ ифтихор кунем.

Ҳоло дар ҳамаи мактабҳои миёна ва муассисаҳои томактабӣ қариб ҳар рӯз маросимҳо бахшида ба баҳор, иди Наврӯз баргузор мегарданд. Омӯзгорон, хонандагон ва ҳатто коргарони техникӣ низ мувофиқи синну соли худ либоси миллӣ мепӯшанд.

Хусусан, дар ноҳияи Поп байни мактабҳо, корхонаву ташкилот бо номи »Либоси миллӣ – рамзи миллат» чандин чорабинӣ баргузор шуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**
**Дар сурат: лавҳа аз чорабинӣ.**

# АДИБОНИ ТОҶИКЗАБОНИ ХОНИГАРИИ ҚӮҚАНД

Бо мо маълум аст, ки аҳолии асосии хонигарии Қуқанд аз мардуми ӯзбек, тоҷик, қирғиз ва қазоқ иборат буд. Дар ин поя аз байни ин мардуми маҳаллӣ ҳамеша одамони донишманд, эҷодкор сабзида мебаромаданд.

Ҳатто баъзе аз онҳо ғайр аз забони модариашон бо забони тоҷикӣ ҳам эҷод мекарданд. Ба ин ашъори шоирон малика Нодирабегим, шавҳари ӯ Умархони ҳукмдор, домулло Шермуҳаммад мисол шуда метавонанд.

Дар хонигарӣ барои равнақи адабиёти форсу тоҷик Дилшоди Барно, Муҳаммадшариф Гулханӣ, Аҳмад, Маҳмуд, Ҳотиф, Мазмур ва дигарон қаламфарсоӣ кардаанд.

Аз заковат ва баёни рехтаи Дилшоди Барнои ҳабдаҳсолаи асир ҳукмдор Умархон лол монда, ба ҷасорати ин шоираи ҷавон тан дода буд.

Достонҳои «Таърихи муҳосира», «Ҳатми мунтахаб ул-ашъори», «Шикоят аз замона» , «Мадҳи ҳаёт» ва бисёр ғазалҳо ба қалами Дилшоди Барно мансубанд. «Матонати инсон ва таърихи муҳоҷирон» низ асари ӯст.

Муҳаммадшариф Гулханӣ дар шаҳрҳои Қуқанду Намангон зиндагӣ кардааст. Ӯ дар шеърҳояш чашмгуруснагӣ, бадкирдорӣ, фиребгарии зимомдорони замони худро танқиду ҳаҷв кардааст. Гулханӣ асосгузори жанри зарбулмасал дар адабиёти ӯзбек мебошад. Аз ин адиб ба мо 12 ғазал ва 1 қасида омада расидаанд.

Шоир Мазмур дар дарбори Умархон хидмат кардааст. Дар бораи ин адиб Фазлии Намангонӣ дар тазкирааш маълумот медиҳад:

*Ҳисорӣ бувад Мазмури пурҳунар,*
*Зи эҳсони султон шуда баҳравар.*
*Хаёлаш баланд асту фикраш расо,*
*Суханпарвар асту муаммосаро.*

Бояд этироф кард, ки тазкиранавис Фазлии Намангонӣ дар китобаш «Маҷмуаи шоирон» дар бораи бисёр адибони тоҷикзабони хонигарии Қуқанд маълумот додааст.

Шоир Ушшоқ аслан зодаи Ҳисор буда, бо адиб Мазмур ҳамдиёр мебошад. Номи аслии Ушшоқ Мавлоно Евкатчӣ будааст.

Ӯ менависад:

*Сари андеша дар ҷайби тафаккур,*
*Пайи таърих, Комӣ, доштам з-он,*
*Хирад гуфто, ки шуд Ушшоқ бедил,*
*Ниҳон аз фозилони мулки Тӯрон.*

Дар гузашта бисёр қаламкашони тоҷики ҳисорӣ, дарвозӣ, кулобӣ, хуҷандӣ дар хонигарии Қуқанд барои равнақи адабиёти тоҷик саҳм гузоштаанд, ки то ҳол ҳаёту осори бисёри онҳо омӯхта нашудааст.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи Чуст.*

*Машъалони маориф*

# ШАМЪЕ, КИ МАЪРИФАТРО РӮШАН МЕКУНАД



Дар як гӯшаи кӯҳистони Қашқадарё, дар деҳаи Файзобод, як мактаб вуҷуд дорад, ки онро бе як шахсияти фидоӣ – Ҳасанқул Солиҳов тасаввур кардан муҳол аст. Ӯ мардест, ки зиндагияшро барои таълим, рӯшноӣ ва бедории насли ҷавон бахшидааст.

Ҳасанқул Солиҳов соли 1965 дар деҳаи Янгиободи ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд чашм ба дунё кушодааст. Дар оилаи деҳқон ба камол расид ва бо ҳар қатраи арақи меҳнати падару модараш ҳикмати зиндагиро омӯхт. Ҳанӯз кӯдак буд, ки аҳолии деҳаашонро ба ноҳияи Китоб кӯчониданд. Бо ин тағйироти ҳаётӣ, тақдир ӯро ба роҳи дигар бурд. Соли 1972 ӯ ба мактаби рақами 74-уми деҳа, ки ба номи Фурқат буд, рафт ва нахустин донаи муҳаббат ба илму маърифат дар дили ӯ кошта шуд.

Орзуи омӯзгор шудан ӯро ба шаҳри Панҷакент бурд, ки соли 1980 таҳсилашро дар омӯзишгоҳи омӯзгорӣ идома дод. Солҳои 1983-1985 ӯ ба хидмати ҳарбӣ рафт. Дар он ҷо ҳам меҳру муҳаббати ӯ ба китоб ва дониш кам нагардид.

Ҳасанқул пас аз бозгашт, соли 1985 оиладор шуд ва бо ин иқдоми ҳаётӣ на танҳо асоси як хонавода, балки асоси як рисолати бузургро гузошт. Соли 1986-1991 дар шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии педагогии Самарқанд ба номи С.Айнӣ таҳсил мекунад. Аз соли 1987 ба фаъолияти омӯзгорӣ пардохта, аввал дар мактаби рақами 75-уми ноҳияи Китоб ва баъдан дар мактаби рақами 74-ум кор кард. Соли 1998 бо ташаббуси устод Истамқул Соҳибов ва якчанд омӯзгорони дигар, дар деҳаи Файзобод мактаби соф тоҷикӣ таъсис ёфт. Ин мактаб барои фарзандони тоҷик рӯшноии наве буд.

Аз соли 2000 то 2020 Солиҳов ҳамчун ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ хидмат карда, дар рушду камоли шогирдонаш саҳми назаррас гузоштааст. Як лаҳзаи ифтихории ӯ соли 2005 буд. Шогирдаш ва ҳамзамон писараш Ҷамшед дар зинаи ҷумҳуриявии озмуни фаннӣ аз забон ва адабиёти тоҷик ғолиб гардид. Ин натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии устод буд, ки бо муҳаббат ва садоқат ба таълим машғул мешуд.

Бо хидматҳои шоистаи худ Ҳасанқул Солиҳов соли 2007 бо унвони «Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон» сарфароз гардид. Аммо барои ӯ мукофоти олӣ – муҳаббат ва эҳтироми шогирдон мебошад, ки то ҳол номи ӯро бо самимият ба забон меоранд.

Ӯ падари меҳрубон, омӯзгори дилсӯз ва шахсе мебошад, ки бо садоқат ва меҳнати пок зиндагии худро ба маориф бахшидааст. Бо ҳамсараш Орзугул Ҳисомова фарзандонашон Заррина, Ҷамшед, Хуршед ва Турсунқулро ба камол расонида, ҳоло онҳо бо 8 нафар наберагон осори зиндагии падарро идома медиҳанд.

Имрӯз номи ӯ дар мактабе, ки бо меҳру талошҳояш бунёд гаштааст, бо ифтихор зикр мешавад. Ҳар шогирде, ки аз он мактаб берун меравад, як пора аз рӯҳ ва меҳнати ин муаллимро бо худ мебарад. Муаллимон меоянду мераванд, аммо шахсиятҳое чун Ҳасанқул Солиҳов дар таърихи мактаб чун шамъе, ки торикиро равшанӣ мебахшад, боқӣ мемонанд.

Устоди гиромӣ Ҳасанқул Солиҳов ба синни муборакӣ 60 қадам гузошт. Шаст сол – на танҳо як шумора, балки таърихи пурифтихори як умр заҳмату талош аст.

Ба устоди муҳтарам умри дароз, тансиҳатӣ ва давоми хидматҳои шоистаро таманно дорем. Орзу дорем, ки шамъи маърифате, ки равшан намудаанд, солҳои сол ҷило диҳад ва шогирдони зиёде аз он баҳра баранд!

**Зикруллои ЗУБАЙДУЛЛО.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 3710. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30



**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.